# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ ХОЛИС

**ба диссертатсия Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзӯи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Рисола ба таҳқиқу баррасии яке аз зиндагинома ва хусусиятҳои мероси адабиву ирфонии яке аз чеҳраҳои тобноки насри сӯфиёнаи форсу тоҷик Аҳмади Ғазолӣ бахшида шудааст. Бояд эътироф намуд, ки дар ҳақиқат дар адабиётшиносии тоҷик мероси адабии ин нависанда ва орифи номвар ба таври зарӯрӣ ва шоиста мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, дар навбати аввал мубрамият ва муҳимияти таҳқиқи мавзуъ равшан ва маълум мешавад, ки диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» аз ҷумлаи аввалин кушишҳои таҳқиқи мероси адабиву ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад.

Мутолеаи диссертатсия муайян менамояд, ки он аз навовариҳои зиёде бархурдор аст ва муҳимтар аз ҳама мақсаду вазифаҳо, равишҳои тадқиқот, сарчашмаву аҳамияти назариву амалии диссертатсияро дар муқаддимаи равшан намуда, нуктаҳои меҳварии барои дифоъ манзуршавандаро муайян ва манзур сохтааст.

Дар заминаи баҳсу баррасиҳои анҷомдодаи муаллиф метавон саҳми шахсии ӯро дар таҳқиқи аслу матлабҳои рисола муқаррар намуд. Баробари ин, мутолеаи муқаддимаи диссертарсия ин нуктаро равшан ва маълум месозад, ки ӯ дар чандин конфронсу ҳамоишҳои илмии донишгоҳӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ сухаронӣ намуда, 11 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашр расонидааст, ки дастоварди муҳим ба назар мерасад.

Боби аввали диссертатсия "Рӯзгор ва осори Аҳмади Ғаззолӣ" унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Диссертант нахуст авзои сиёсиву иҷтимоӣ ва адабии асри зиндагонии нависандаро ба риштаи таҳқиқ кашида, баъдан масъалаи заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши адабиёти тасаввуф ва шохаҳои насри ирфониро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Давоми масоили пажӯҳишии ин бобро баррасии зиндагинома ва фаъолиятҳои адабиииву ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ ба вуҷуд овардааст. Диссертант дар асоси омӯзиши маводи сарчашмаҳои адабӣ, тазкираву таърихномаҳо ва пажӯхишҳои анҷомёфта мероси Аҳмади Ғаззолиро ба таври мушаххас муқаррар намуда, муҳтаво ва мундариҷаи 23 рисолаи ӯро шарҳу тафсир кардааст. Ба ин равиш, дар ҷараёни таҳқиқи фаслҳои мазкури боби аввал диссертант мақоми ин суханварро дар рушди насри ирфонии форсу то□ик муқаррар сохтааст.

Дар боби дувуми диссертатсия сохтору муҳтаво, ҷанбаҳои ирфонии осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ ба риштаи таҳқиқ кашиду шудаанд. Нахуст, масъалаи ҳифозати нусхаҳои хаттии осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ дар

китобхонаҳои олам баҳсу баррасӣ шудааст, ки дар асоси он нусхаҳои “Савонеҳ ул-ушшоқ” ва “Рисолат ут-туюр” қарор доранд. Дар умум, бештар аз 20 нусхаи хаттӣ аз “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва зиёда аз 10 нусха аз “Рисолат-ут-туюр” дар китобхонаҳои Эрон, Туркия, Покистон ва кишварҳои дигар бо истифода аз маълумоти феҳристҳо муаррифӣ шудаанд.

Дар фаслҳои ҷудогонаи қисматҳои баъдии диссертатсия масъалаҳои марбут ба сохтору муҳтавои рисолаҳои “Савонеҳ ул-ушшоқ” ва “Рисолат -ут-туюр” мавриди таҳқиқ қарор гирифта, роҷеъ ба фаслҳои ҳар ду асари арзишманд мулоҳизоти хешро баён доштааст. Ҳарчанд “Савонеҳ ул- ушшоқ” рисолаи начандон бузурге аст, аммо аз ҳафтоду фасл таркиб ёфтааст, ки муҳимтарин масоили ирфонӣ, хоса шарҳу тафсири масъалаи ишқ дар он ҷараён гирифтааст. Ҷанбаҳои ирфонии “Савонеҳ ул-ушшоқ” бошад дар зерфасли алоҳидаи ин боб ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, ки дар он масоили сарчашмаҳои ирфонии таълифоти он, истилоҳоти ирфонӣ дар асар, корбурди ашъори дорои мазомини ирфонӣ ва амсоли ин шарҳу тафсир ёфтааст. Бо ҳамин шева сохтор ва муҳтаво, сарчашмаҳои адабиву ирфонии “Рисолат-ут-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ ва таъсири он ба адабиёти форсу тоҷики асрҳои баъд аз худ таҳқиқ шуда, таъсирпазирии Шайх Аттори Нишопурӣ аз ин асар ва андешаҳои ин адиби ориф ба таври ҷудогона мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант ин рисолаи Аҳмади Ғаззолиро яке аз сарчашмаҳои аслии маснавии маъруфи Аттор “Мантиқ-ут-тайр” унвон намуда, андешаҳои хешро бар асоси зикри мисолҳои равшан аз ҳар ду асар, хоса шарҳу басти манозили тариқат ва водиҳои ҳафтгонаи ирфонӣ собит кардааст.

Дар боби савуми диссертатсия арзишҳои адабии осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ дар мисоли рисолаҳои мазкур ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Диссертант дар ин қисмати рисолаи хеш масоиле чун сабки нигориш, забон истифодаи истилоҳоти ирфонӣ дар “Савонеҳ ул – ушшоқ”, шеваҳои корбурди саноеи бадеӣ дар ҳар ду рисоларо таҳқиқ намуда, истифодаи ашъорро низ ҳамчун яке аз муҳимтарин вежагиҳи сабкии таълифоти мазкур қаламдод намудаст.

Хулосаҳои илмии диссертатсия дар 12 банд баён шудаанд, ки натиҷаҳои аз таҳқиқи мавзуъ ба даст омадаро баён месозанд. Дар умум, диссертарсия ба сабки матини илмӣ, корбурди муносиби сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, осори пажӯҳишӣ иншо гардида, дар ҷараёни таълиф истиқлоли назари муаллиф низ равшан ба мушоҳида мерасад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки бартараф намудани онҳо дар амри боло бурдани арзиш ва аҳамияти илмии диссертатсия накши муҳим мегузоранд.

1. Ба назари мо, муттаҳид намудани фаслҳои дувум ва савуми боби аввали диссертатсия мувофиқи мақсад мебошад. Баробари ин, ба қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ овардани маълумот дар бораи пажӯҳишҳои

дар Тоҷикистон анҷомёфта, аз ҷумла иттилоъ дар бораи рисолаи адабиётшинос Баҳром Мирсаидов, ки дар фасли дувуми боби дувуми диссертатсия зикр гардидаанд, муҳим ба назар мерасад.

2. Тибқи муқаррароти таълифи диссертатсияҳои илмӣ Хулосаи он бояд аз ду банд таркиб ёфта, дар қисмати дувум тавсияҳои амалӣ манзур шаванд. Дар диссертатсияи мавриди тақриз тавсияҳои амалӣ мавҷуд намебошанд ва диссертантро зарур аст, ки онро ба Хулосаи диссертатсия илова намояд.

3. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд,ки ислоҳи онҳо мувофиқи мақсад аст..

Эродҳои мавзкур ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро поин намебаранд. Ба таври куллии метавон изҳор дошт, ки диссератсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзӯи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» кори анҷомёфта, ба шумор меравад ва он ба талаботи Комиссияии Олии Аттетсатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ. (6D021403 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мувофиқ мебошад. Аз ин рӯ, барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсонии 6D-KOA-037) назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров “ тавсия мешавад.

Муқаррizi холис: доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Нуров Н. Н.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, Хуррамшаҳр 38
Тел: 992 928763797 E-mail: nurali74@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ,
профессор Нуралӣ Нуровро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Э. Наврӯзов

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992) 90040202 E-mail: n.ehson@mail.ru